*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии 8)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи "Такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи "Такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)" дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқ аст: 10.2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идоракунии оммавӣ; 10.5. Махсусияти коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Алоқаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; 10.8. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.9 Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуддат, миёнамуддат ва кӯтоҳмуддати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯйи давраҳои ҳаётии он.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият дар самти ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ корҳои зиёдеро анҷом дода, дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас низ муваффақ шудааст. Яъне идоракунию танзими давлатии комплекси агроозуқа-

вории ҷумҳурӣ ҳама вақт дар таҳти назорат ва танзими давлат қарор дорад. Дар амал татбиқ гардонидани стратегияҳо, консепсияҳо, қонунҳо, барномаҳои рушди соҳавӣ, даҳҳо лоиҳаҳо бо сармоягузориҳои давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд далели воқеии муваффақиятҳо ва кӯшишҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт мебошанд. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, махсусан ҳадафҳои 3 ва 4 бевосита ба рушди иқтисодиёти КАС, аз ҷумла ба рақобатпазирии корхонаҳои комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ нигаронида шудааст. Саҳми корҳои олимони ватаниро дар таҳқиқи назария ва амалияи рушди комплекси агроозуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар мамлакат, дар доираи минтақаҳои ҷумҳурӣ таъкид карда, бояд қайд намоем, ки мушкилоти ташаккул ва равнақи комплекси агроозуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣи ҷумҳурӣ ҳанӯз ба таври бояду шояд ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Аз он ҷумла, дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ мушкилоти ташаккули корхонаҳои сикли пурра дар зеркомплексҳои комплекси агроозуқаворӣ, бунёди шароитҳои мусоид ва мустаҳкамгардонии базаи моддию техникӣ барои фаъолияти самараноку босуботи хоҷагиҳои кишоварзӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ, баҳодиҳии имкониятҳои комплекси агроозуқаворӣи кишвар, коркарди моделҳои муосири рушди сохторҳои ҳамгироишудаи агроозуқаворӣ ва такмили низоми идоракунии онҳо, истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт ва ҳамчунин, масоили арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва муайянкунии самтҳои рушди корхонаҳои комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи мамлакат ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Мубрамият ва мавҷудияти мушкилоти номбурда, тақозои ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию услубӣ ва амалӣ интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои рисолаи илмиро асоснок намудаанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳодҳо ироа шудаанд, ки мазмуни пурраи онҳо дар диссертатсия инъикос ёфтаанд. Ба сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ инҳо баромад мекунанд:

- асосҳои назариявӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии комплекси агроозуқаворӣ ва мавқеи он дар низоми комплекси агросаноатӣ таҳқиқ, тақвият ва тавсеа дода шуданд, аз ҷумла муаллиф натиҷагирӣ намудааст, ки аз рӯйи хусусияти маҳсулоти ниҳоии КАС, комплекси агроозуқаворӣ яке аз комплексҳои он ба шумор рафта, ҳадаф аз ташаккулу рушди он таъмини талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо моводи озуқаи истеҳсоли ватанӣ мебошад;

- хусусиятҳо ва омилҳои ба раванди ташаккулу рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он таъсирбахш ошкор ва қоидаҳои амалкарди самараноки корхонаҳои муҷтамаъ муайян карда шуданд;

- ҳолати ташаккул ва равнақи механизми идоракунию танзими комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии амалкарди корхонаҳои доираҳои комплекси мазкур дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор таҳлилу баҳогузорӣ шуданд;

- самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи мамлакат ва идораву танзими давлатии он дар сатҳи ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он муайян ва асоснок карда шуданд;

- дурнамои тараққиёти комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ бо назардошти такмили механизми рушд ва индикаторҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ муайян ва баҳодиҳӣ карда шуданд;

- тавсияҳо ва пешниҳодоти илман асоснокшуда оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ дар асоси истифодаи таҷрибаи мамолики рушдкарда коркард карда шуданд.

Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар бар мегирад:

- тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми муҷтамаи агросаноатии кишвар;

- муайянкунии хусусиятҳо, омилҳо ва қоидаҳои ба раванди ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми маҷмуаи агросаноатии кишвар ва минтақаи таҳқиқшаванда таъсирбахш;

- баҳодиҳии ташаккул ва равнақи механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии амалкарди корхонаҳои доираҳои комплекси мазкур дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор;

- муқаррарсозии самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи мамлакат ва идораву танзими давлатии он дар сатҳи ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он;

- дурнамои пешрафти комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшуда бо назардошти такмили механизми рушди индикаторҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ;

- пешниҳодот ва тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшуда дар заминаи истифодаи таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои тараққикарда.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро маълумоти аввалия, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд, тасдиқ мекунанд. Ҳамчунин, муаллиф маълумоти субъектҳои хоҷагидориро аз минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст. Маҳз ҳамин маълумотҳо ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба масоили рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илман асоснок таҳия намояд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**. Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Бахтиёри И.М. натиҷагирӣ намудем, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳамияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Истифодаи тавсияҳои муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии мавриди таҳқиқ арзёбӣ карда шаванд. Ҳамчунин, аҳамияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои ноилшудаи муалифро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ метавонанд ҳангоми асосноккунии самтҳои рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор истифода баранд.

Мавриди зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конфроонсҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Новосибирскии Федератсияи Россия солҳои 2014-2023 баррасӣ ва чоп шудаанд. Тавсияҳо ва коркардҳои алоҳидаи диссертатсия дар таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд. Маводи дар диссертатсия ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасишударо метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти кишоварзӣ» ва «Таъмини бехатарии озуқаворӣ» истифода бурд.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ. Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуъ асоснок шуда, мақсад ва вазифаҳои кори илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмии он таҳия шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявию услубии ташаккулу танзим ва идораи комплекси агроозуқаворӣ дар низоми КАС» ҷанбаҳои назариявии ташаккулу танзими равандҳои ҳамгироӣ дар КАС ва зеркомплексҳои он, хусусиятҳои ташаккул ва марҳилаҳои рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми муносибатҳои ҳамгироӣ дар КАС, инчунин ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқаворӣ дар агробизнеси мамолики хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ доир ба ҳамгироии агросаноатӣ муаллиф шаклҳои асосии ҳамгироии агросаноатиро бо назардошти омӯзиши асарҳои олимони хориҷӣ дар расми 1 (с.30) нишон дода, ҳамзамон дар натиҷаи таҳқиқи назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи амалии андӯхтаи диссертант аз фаъолияти корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ ва шиносоӣ бо сохтори идоракунию менеҷменти онҳо мафҳуми интегратсияро шарҳ додааст (с.32). Инчунин, дар заминаи таҳқиқу таҳлилҳои болозикр муаллиф натиҷагирӣ намудааст, ки механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ ин маҷмуи чораҳои давлат ва мақомоти салоҳиятноки он махсуб мееёбанд, ки фарогири санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фишангҳои маъмурию иқтисодӣ буда, чараёнҳои ташаккулу равнақи комплекси агроозуқавориро дар ҳудудҳои кишвар тарҳрезӣ, ташкил, идораву назорат ва танзим менамоянд (с.32).

Муаллиф аз рӯйи хусусияти маҳсулоти ниҳоии комплекси агросаноатӣ сохторҳои ҳамгироишудаи комплекси агросаноатиро дар расми 2 (с.40) ба ду комплекс ҷудо намудааст, ки маркази таҳқиқоти илмӣ маҳз комплекси озуқаворӣи он махсуб ёфта, дар ин замина хусусиятҳои хоси комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳуриро дар расми 3 (с.43) пешниҳод карда, даврахои тараққиёти истеҳсолот ва ҳамгироиҳои аграрию саноатии Тоҷикистонро дар сад соли охир дар ҷадвали 1.2.1. (с.44-47) марҳилабандӣ намудааст. Инчунин, диссертант омилҳои ба рушди комплекси агроозуқаворӣ таъсирбахшро дар расми 3 (с.49) тасниф намуда, саҳми онҳоро дар рушди комплекси агроозуқаворӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар фароварди боб, зимни омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқаворӣ дар агробизнеси мамолики хориҷӣ муаллиф қайд менамояд, ки таҷрибаи мамолики рушдкардаро нусхабардорӣ карда, барои рушди иқтисодию иҷтимоии маҳалли деҳоти кишвар истифода намудан мувофиқи мақсад нест. Вале ҷанбаҳои хуби ин таҷрибаҳоро омӯхта, бо хусусиятҳо ва шароитҳои

истеҳсолоти аграрии ҷумҳурӣ ва комплекси агроозуқаворӣии он қиёс намуда, сипас мавриди истифода қарор додан қобили қабул мебошад (с.67).

**Дар боби дуюм** «Арзёбии рушди комплекси агроозуқаворӣии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои агросаноатии он» баҳои иқтисодии комплекси агроозуқаворӣии ҷумҳурӣ дар доираи ҳамгироии агросаноатӣ, таҳлилу арзёбии вазъи комплекси агроозуқаворӣ дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертант нишондиҳандаҳои асосии рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи солҳои 2017-2021 дар ҷадвали 2.1.1. (с.72) мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки дар соли 2021 масоҳати замини аҳамияти кишоварзидошта, яъне киштзорҳои ҷумҳурӣ 3666,4 ҳазор гектарро ташкил додааст, ки ин ба 25,9 %-и фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст ва кулли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамин миқдор заминҳои киштзори ҷумҳурӣ истеҳсол карда шудааст. Инчунин, муаллиф замини аҳамияти кишоварзӣ доштаи ҷумҳуриро дар буриши минтақаҳо дар ҷадвали 2.1.2. (с.74) мавриди таҳлил қарор дода, муайян намудааст, ки ҳиссаи минтақаи мавриди таҳлил, яъне Марказу Ҳисор 25,1%-и майдони замини аҳамияти кишоварзӣ доштаи ҷумҳуриро дар бар мегирад.

Муаллиф зимни таҳқиқот баъзе аз мушкилоти КАС ва соҳаи кишоварзии ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор додааст, ки онҳо вазъи имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ, зарурияти саноатикунонии он, рушди ҳамгироии агросаноатӣ ва гузариш ба рушди инноватсиониро дар КАС-и кишвар инъикос менамоянд. Дар баробари масъалаҳои таҳқиқшуда, муаллиф масъалаи ҷолиберо баррасӣ намудааст, ки он ба рушди ҳамгироиҳои соҳаи кишоварзию саноат монеъ мегардад ва таъмини озуқаворӣии аҳолии кишварро ба таъхир меандозад ин мушкилоти сармоягузориҳои соҳаи кишоварзӣ ҷадвали 2.1.3. (с.82) ба шумор меравад, ки сармоягузориҳо ба сармояи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ дар солҳои 2017-2021 мутаносибан ба солҳо 0,86%,  0,17%, 0,26% 0,11%, 0,10%-и ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии ҷумҳуриро ташкил додааст. Ҳамзамон,  муаллиф аз таҳлили ҷадвали 2.2.10. натиҷагирӣ намуда, қайд менамояд, ки дар сохтори умумии соҳаи саноат дар давраи солҳои 2017-2021 ҳиссаи соҳаи саноати хӯрокворӣ тамоюлҳои гуногун дорад. Махсусан, дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (шаҳри Душанбе ва НТҶ) дар соли 2021 ин нишондиҳанда дар мувофиқан 24,6 ва 8,5% маҳсулоти саноатии онҳоро ташкил медиҳад, ки дар миқёси ҷумҳурӣ баъд аз вилояти Суғд дар ҷои дуюм қарор дорад (с.102), инчунин, диссертант ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯроквориро дар миқёси ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта

дар давраи солҳои 2017-2021 дар ҷадвали 2.2.11. арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар миқёси минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор дар давраи таҳлил тамоюлҳои гуногун дорад. Масалан, дар давраи солҳои 2017-2021 ҳаҷми истеҳсоли гӯшт ва каллапочаи навъи 1 дар корхонаҳои саноати хӯроквории минтақаи Марказу Ҳисор 95,9% афзоиш ёфтааст (с.102-103).

**Дар боби сеюм** «Самтҳои такмили механизм ва дурнамои рушди комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ» танзими давлатии комплекси агроозуқаворӣ дар доираи сиёсати аграрию саноатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, такмили низоми идоракунии КАС ҳамчун самти муҳими рушди комплекси озуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаҳо мушахас ва дурнамои рушди стратегии комплекси озуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар низоми комплекси агросаноатӣ пешниҳод гардидааст.

Муаллиф дар қисмати аввали зербоб самтҳо ва заминаҳои рушди комплекси агроозуқаворӣ дар доираи сиёсати давлатиро мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намудааст, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамаҷониба барои рушду равнақи ҳамгироиҳои агросаноатӣ чораандешӣ намуда, барои бунёди шароити мусоид дар ин самт мусоидат менамояд. Диссертант, инчунин дар доираи рисолаи мазкур баъзе аз падидаҳои иқтисодии хоҷагидориро дар кишоварзӣ ва саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои саноати хӯрокворecho минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мавриди таҳқиқу баҳогузорӣ қарор додааст. Пеш аз ҳама, барои тавсифи самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагиҳои кишоварзӣ муаллиф фаъолияти якчанд хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Ҳисорро дар ҷадвали 3.1.1. (с.115) мавриди таҳлили қиёсӣ қарор дода, муайян намудааст, ки дараҷаи даромаднокӣ дар соли 2021 ба ҳисоби миёна дар сатҳи хоҷагиҳо ҳудудӣ 54 %-ро ташкил медиҳад. Инчунин, динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои парандапарварии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисорро муаллиф дар ҷадвали 3.1.2. (с.116) мавриди таҳлил қарор додааст ва натиҷагирӣ намудааст, ки фоидаи зиёд дар корхонаи ҶСП «Чуҷаи Ҳисор»-и шаҳри Ҳисор бақайдгирӣ шудааст. Инчунин, муаллиф хулосабарорӣ намуда, қайд менамояд, ки дар давраи таҳлилӣ ҳамаи нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои парандапарварӣ ба ҷуз аз ҶСП «Мурғи Чептура»-и ноҳияи Шаҳринав тамоюли афзоиш дошта, ба ҳисоби миёна фоиданокии зиёда аз 22%-ро дар бар гирифтааст (с.117). Ҳамзамон, муаллиф динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолотро дар корхонаҳои ордбарории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор дар ҷадвали 3.1.3. (с.117) ва динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои коркарди ширро дар минтақаи мавриди таҳқиқ

қарордошта дар ҷадвали 3.1.4. (с.119) мавриди баррасӣ қарор дода, дар маҷмуъ зимни таҳлили нишонидҳандаҳои самаранокии иқтисодии корхонаҳои минтақа, муаллиф маълум намудааст, ки тамоюли афзоишёбӣ дар ҳамаи корхонаҳо мушоҳида карда мешавад, ки ин натиҷаи татбиқи дурусти сиёсати давлат дар роҳи саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ аҳолии мамлакат мебошад,(с.118).

Зимни таҳқиқот, муаллиф таъкид менамояд, ки механизми идоракунии КАС, аз ҷумла КАО бояд функсияҳои алоҳидаро дар худ таҷассум намоянд ва дар шароити имрӯза такмили механизми рушди идоракунии КАС - самти муҳими рушди комплекси озуқаворӣ ҷумҳуриро бо назардошти принсипҳо ва вазифаҳо дар расми 7 (с.127) пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, диссертант алгоритми самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар чор самт: мушкилоти рушди КАС ва соҳаи агарӣ; афзалиятҳои асосии рушди босуботи КАС; самти ҳаракат барои расидан ба ҳадаф ва натиҷаҳои интизорӣ аз татбиқи ҳадафҳои болоиро дар расми 9 (с.142) пешниҳод намудааст, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ҳамзамон дар хотимаи боби мазкур дурнамои истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор барои солҳои 2025-2030 дар ҷадвали 3.3.2. анҷом додааст, (с.154).

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Маводи интишорнамудаи муаллиф, нуқтаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой дош-таро дар худ инъикос намудаанд. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 22 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои (наш-рияҳои) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Ко-миссия.** Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода ба талаботи банд-ҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқи-қот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи

ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Дар баробари бартариятҳо, ҳамзамон баъзе пешниҳодҳо барои боз ҳам хубтару беҳтар намудани сатҳ ва сифати диссертатсия баррасӣ карда мешавад, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеинро метапвон ҷудо намуд:

1. Дар зербоби 1.1. муаллиф иқтибосҳои зиёде аз олимони ватанию хориҷӣ (аз он ҷумла руссиягӣ) оиди танзими равандҳои ҳамгироӣ дар КАС оварда мавриди омӯзиш қарор додааст. Мазмун ва мундариҷаи зербоби 1.1. ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дар он фикру андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ (аз он ҷумла руссиягӣ)-ро оиди танзими равандҳои ҳамгироӣ дар КАС бо шакли расм ва ё ҷадвал оварда, хулосаҳои худро оиди ин мафҳум, ки ҳамчун омили калидӣ дар ин кори тадқиқотӣ ба ҳисоб меравад, пешниҳод ва асоснок менамуд.

2. Дар зербоби 1.3. муаллиф ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқавориро дар агробизнеси мамолики хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода, таҷрибаи бисёре аз кишварҳои тараққикардаи дунёро дар самти комплекси агроозуқаворӣ ба монанди таҷрибаи ИМА, Ҷумҳурии мардумии Чин, як қисм кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, як қатор кишварҳои ИДМ ба мисли Белорус, Қазоқистон ва ғайраҳо мавриди омӯзиш қарор додааст. Аз ин ҷост, ки хубтару беҳтар мешуд, ҳамзамон муаллиф нишон дода метавонист, ки таҷрибаи кадом кишварро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он оиди ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқаворӣ амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст.

3. Азбаски, зербоби 3.1. ба танзими давлатии комплекси агроозуқаворӣ дар доираи сиёсати агарию саноатӣ бахшида шудааст, мазмун ва мундариҷаи зербоб ранги дигар мегирифт, агар муаллиф ҳамзамон дар қатори дигар фишангҳои иқтисодӣ инчунин дар бораи нақши фишангҳои иқтисодӣ аз қабили сиёсати буҷет, имтиёзҳои андозӣ, сиёсати гумрукӣ (аз он ҷумла кам кардани боҷи гумрукӣ) ва ғайраҳо низ маълумотҳо оварда, асоснок менамуд.

4. Чи тавре, ки аз номгузории зербоби 3.2. бармеояд, он ба такмили низоми идоракунии КАС бахшида шудааст. Аз ин ҷост, ки хубтар мешуд, аввалан муаллиф дар шакли расм ва ё схема дар бораи роҳҳои такмилдиҳии низоми идоракунии КАС рақаму далелҳо оварда, сипас

зина ба зина ба шарҳу тавзеҳоти он шурӯъ менамуд, ки мутаассифона айни ҳол ба назари эътибор гирифта нашудааст.

5. Бо сабаби оне, ки номи мавзӯъ пурра ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи таҳлилшавандаи агросаноатии Марказу Ҳисор бахшида шудааст, хубтар мешуд муаллиф дар қатори дигар омилҳои калидӣ, ҳамзамон дар бораи нақш ва ҷанбаҳои манфиии маҳсулоти аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда (ГМП) маълумотҳо оварда нақши онро дар рушди комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳлилшаванда арзёбӣ менамуд.

Эрод ва пешниҳодҳои баррасишуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмуъ диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ буда, мустақилияти диссертантро дар ҳалли масъалаҳо оид ба комплекси агроозуқавории сатҳи минтақавию ҷумҳуриявӣ нишон медиҳад.

**8. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Қобили қайд аст, ки диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи “Такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Бахтиёри И.М. сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

**Муқарризми расмӣ,**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ Исайнова М.Ҳ.

Имзо Исайнова М.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14,
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Тел: (+992-37) 231-02-01, E-mail: tgfeu@tgfeu.tj